Ба Шурои диссертатсионии 6D. КОА-
014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва
иқтисоди Тоҷикистон (ш. Душанбе,
кӯчаи Нахимова 64/14)

# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, Ҳикматов Умедҷон Сафаралиевич ба диссертатсияи Холаҳмадзода Искандар Холаҳмад (Тохтаров Искандар Холаҳмадович) дар мавзуи «Хусусиятҳои ташаккул ва рушди низоми қарздиҳии имтиёзноки корхонаҳои кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳод гардидааст.**

## 1. Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илм, ки аз рӯи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст

Диссертатсияи Холаҳмадзода Искандар Холаҳмад (Тохтаров Искандар Холаҳмадович) дар мавзуи «Хусусиятҳои ташаккул ва рушди низоми қарздиҳии имтиёзноки корхонаҳои кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ба бандҳои **9.1., 9.2., 9.3. ва 9.7.** Шиносномаи феҳристи ихтисосҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқат мекунад.

Қайд кардан зарур аст, ки масъалаҳои дар рисола баррасигардида пурра бандҳои дар боло овардашудаи Шиносномаи феҳристи ихтисосҳои КОА-ро дар бар мегирад.

**2. Мубрам будани мавзуи диссертатсия.** Мубрамияти мавзуи таҳқиқи хусусиятҳои ташаккул ва рушди низоми қарздиҳии имтиёзнок ба корхонаҳои кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, пеш аз ҳама, бо нақши стратегии ин соҳа дар таъмини амнияти озуқаворӣи кишвар ва амалисозии ҳадафҳои миллии рушд вобаста мебошад. Дар шароити муосири хоҷагидорӣ, соҳаи аграрӣ ҳамчун манбаи асосии таъмини аҳолӣ бо маҳсулоти ғизоӣ ва саноати кишвар бо ашёи хом баромад намуда, заминаи асосиро барои саноатикунонии босуръат ва афзоиши иқтидори содиротии давлат фароҳам меорад. Аз ин рӯ, устувории иқтисодии корхонаҳои кишоварзӣ ва рақобатпазирии онҳо дар бозори дохилию берунӣ бевосита ба самаранокии фишангҳои молиявию қарзӣ вобастагии зиёд дорад.

Яке аз монеаҳои асосии рушди босуръати соҳа дар Тоҷикистон норасоии шадиди маблағҳои гардон ва маҳдуд будани дастрасии истеҳсолкунандагони ватанӣ ба захираҳои молиявии дарозмуддат мебошад. Меъёрҳои баланди фоизи қарзҳои тиҷоратӣ ва талаботи сахти таъминоти гарав дар низоми бонкии кишвар ба хусусиятҳои мавсимии истеҳсолоти кишоварзӣ ва

даромаднокии пасти соҳа мувофиқат намекунанд. Ин ҳолат зарурати ташаккули низоми мукаммали қарздиҳии имтиёзноки давлатиро ҳамчун воситаи калидии дастгирии истеҳсолкунандагон ва ҳавасмандгардонии фаъолияти сармоягузории онҳо ба миён меорад.

Дар марҳалаи кунунии ислоҳоти иқтисодӣ, омӯзиши илмии равандҳои қарздиҳӣ имкон медиҳад, ки роҳҳои нави ҳамкории давлат ва бахши молиявӣ дар самти паст кардани бори қарзии деҳқонон ва тақсими оқилонаи хавфҳо коркард карда шаванд. Таъсири омилҳои беруна, аз ҷумла тағйирёбии иқлим ва ноустувории нархи воситаҳои истеҳсолот дар бозори ҷаҳонӣ, тақозо менамояд, ки механизмҳои мавҷудаи маблағгузорӣ таҷдиди назар шуда, усулҳои нави дастгирии имтиёзнок, аз ҷумла тавассути субсидиякунии фоизи қарзҳо ва рушди низоми кафолатдиҳӣ ҷорӣ карда шаванд.

Ҳамин тариқ, зарурати ҳалли мушкилоти молиявии соҳа, такмили заминаҳои ҳуқуқию иқтисодии қарздиҳӣ ва таъмини рушди устувори деҳот мубрамияти ин таҳқиқотро муайян намуда, онро барои иқтисоди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои аҳамияти калони илмӣ ва амалӣ мегардонад.

**3. Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд**

Дар таҳқиқоти назариявӣ ва амалии диссертатсия муваффақиятҳои илмии унвонҷу ҳамчун натиҷаи мухтасари навгониҳои илмӣ ва нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшавандаи муаллифиро дар бар мегирад, ки дар заминаи он муаллиф шакли фишурдаи таҳқиқоти илмии худро бо ҷамъбасти мушаххасоти он пешниҳод намудааст. Навгонии илмии муаллиф дар рушди муқаррароти назариявӣ ва методологии қарздиҳии кишоварзӣ ва коркарди тавсияҳо барои таъсиси механизми муассири қарздиҳии имтиёзноки корхонаҳои кишоварзӣ ифода меёбад. Диссертант ҷанбаҳои асосии навгонии илмии диссертатсияро:

1. Муаллиф мулоҳизаҳои асоснок ҷиҳати тафсири пойгоҳи назариявию методологии қарздиҳии кишоварзӣ таҳия кардааст, инчунин мафҳум ва муҳтавои иқтисодии қарзи кишоварзӣ аниқ карда шуда, мақсад, вазифаҳо, принсипҳо ва дигар ҷанбаҳои методии он аз ҷониби диссертант шарҳ додааст.

2. Аз ҷониби муаллиф вазъи муосири қарздиҳии корхонаҳои кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил ва хусусиятҳои он ошкор карда шуда, мушкилот ва маҳдудиятҳои ташаккул ва рушди қарздиҳии имтиёзноки соҳаи кишоварзӣ арзёбӣ карда шудааст.

3. Дар доираи таҳқиқоти худ муаллиф имконияти ҳамгироии низоми миллии қарздиҳии кишоварзӣ бо низомҳои ҷаҳонии қарздиҳии имтиёзнок арзёбӣ карда шуда, роҳҳои татбиқи амалияҳои пешқадами ҷаҳонӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод кардааст.

4. Унвонҷӯ самтҳои рушди низоми қарздиҳии имтиёзноки кишоварзӣ таҳия карда шуда, тадбирҳои амалӣ ҷиҳати роҳандозӣ намудани он пешниҳод кардааст, аз ҷумла такмили механизмҳои дастгирии давлатӣ ва бартараф кардани монеаҳои институтсионалию молиявӣ дар роҳи рушди он.

4. **Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо**

Аҳаммияти илмӣ ва амалии рисолаи диссертатсионии муаллиф ба он асос меёбад, ки дар он коркардҳо ва таҳқиқотҳои назариявию методии олимони дохилию хориҷӣ оид ба масъалаҳои маблағгузории соҳаи аграрӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Муаллиф заминаҳои монеъшавандаи рушди низоми қарздиҳии имтиёзнокро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлилу арзёбӣ намуда, ҳамчун натиҷа, роҳҳои такмили механизми қарздиҳии давлатиро ба корхонаҳои кишоварзӣ ва усулҳои беҳтарсозии дастрасии молиявиро дар ин соҳа муайян ва пешниҳод намудааст. Дар ин замина, бо истифода аз имкониятҳои нави илмӣ ва амалии мавҷуда, муаллиф ба як қатор натиҷаҳои назаррас ноил гардидааст.

Дар қисмати асосҳои амалии таҳқиқоти илмӣ, заминаҳои такмили равандҳои қарздиҳии имтиёзнок бо назардошти хусусиятҳои хоси соҳаи кишоварзӣ ва таваккалҳои (хавфҳои) аграрӣ таҳлилу баррасӣ шудаанд. Муаллиф тавассути маълумотҳои оморӣ ва сомонаҳои расмии Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бонки миллии Тоҷикистон, Вазорати кишоварзӣ ва бонкҳои давлатию тиҷоратии кишвар корбарӣ намудааст, ки асоснокии натиҷаҳои таҳқиқотро таъмин менамояд.

Дар баррасӣ ва асосноккунии масъалаи мазкур, муаллиф дар боби якуми рисолаи илмӣ ҷанбаҳои назариявию методологии қарздиҳии имтиёзнок ва мавқеи онро дар ҳавасмандгардонии истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ зери таҳқиқ қарор додааст.

Дар бобҳои дуюм ва сеюми рисола ҷанбаҳои амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии низоми қарздиҳӣ дар шароити Тоҷикистон мавриди таҳлили амиқ қарор гирифтаанд, ки аҳаммияти онҳо дар маҷмӯъ дорои хусусияти бисёрҷанба мебошад. Аз нуқтаи назари илмӣ ва амалӣ, рисола бо коркарди модели самараноки ҳамкории давлат ва бонкҳо ҷиҳати паст кардани фоизи қарзҳо ва пешниҳоди тавсияҳои мушаххас оид ба соддагардонии раванди қарздиҳию такмили заминаҳои гаравӣ дар соҳаи аграрӣ арзишманд мебошад. Татбиқи ин пешниҳодҳо аҳаммияти баланди иқтисодӣ дошта, ба афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти ватанӣ, таъмини амнияти озуқаворӣ ва баланд бардоштани даромаднокии корхонаҳои кишоварзӣ мусоидат менамояд. Дар ниҳоят, ин раванд ба дастёбӣ ба ҳадафҳои иҷтимоӣ, аз ҷумла таъсиси ҷойҳои кории нав дар деҳот, коҳиши сатҳи камбизоатӣ ва ҷилавгирӣ аз муҳоҷирати

меҳнатӣ тавассути дастгирии устувори молиявии хоҷагиҳои деҳқонӣ заминаи мусоид фароҳам меорад.

Хулоса, аҳаммияти амалии таҳқиқот аз коркарди тавсияҳои мушаххас оид ба самтҳои бехатарсозии муҳити қарздиҳӣ ва такмили равандҳои маблағгузории соҳаи кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон иборат мебошад.

**4. Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот**

Муаллифи рисола дар таҳия ва татбиқи чораҳо ҷиҳати баррасӣ ва таҳқиқи амиқи мавзуи диссертатсия як қатор меъёрҳои илман асоснокро риоя намудааст. Саҳми шахсии довталаб, пеш аз ҳама, дар асосноккунии назариявии мафҳуми қарздиҳии имтиёзнок дар соҳаи аграрӣ, муайян намудани сатҳи мубрамияти мавзуъ ва тарҳрезии мақсаду вазифаҳои таҳқиқот ба таври зарурӣ ифода ёфтааст. Муаллиф мустақилона низоми мавҷудаи маблағгузории соҳаи кишоварзиро мавриди таҳлил қарор дода, дар асоси нишондиҳандаҳои воқеӣ роҳҳои такмили механизми қарздиҳиро пешниҳод намудааст.

Дар баробари ин, довталаб дар самти муайян кардани хусусиятҳои ташаккули низоми қарздиҳии имтиёзнок ва арзёбии аҳаммияти иқтисодии он барои корхонаҳои кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор коркардҳои мушаххаси илмиро истифода бурда, ба натиҷаҳои назаррас ноил гардидааст. Мавқеи муаллиф дар ҷараёни таҳқиқот тавассути таҳияи тавсияҳои амалӣ ҷиҳати бехтар намудани дастрасии кишоварзон ба захираҳои молиявии имтиёзнок ва интишори натиҷаҳои бадастомада дар маҷаллаҳои илмии тақризшаванда ба таври комил инъикос ёфтааст.

**5. Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия**

Натиҷаҳо ва пешниҳодҳои асосии рисолаи илмӣ вобаста ба таҳқиқи ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии таҳқиқот, асосноккунии таҳқиқоти диссертатсионӣ, ки пурра фарогирии мавзуи баррасишаванда мебошад, ҳамчун натиҷа дар семинарҳо ва конфронсҳои илмии сатҳи ҷумҳуриявӣ, донишгоҳӣ ва байналмилалӣ дар солҳои 2021-2024 муҳокима шудаанд. Ғайр аз ин, натиҷаҳои таҳқиқот ва коркардҳои илмиро дар ҷараёни таълим ва дигар таҳқиқотҳои илмӣ васеъ истифода бурдан мумкин аст. Вобаста ба ин ҷанбаҳои амалишавии таҳқиқот, ки он натиҷаи таҳқиқоти илмии муаллифи рисола мебошад ба як қатор дастовардҳо ноил гардидааст. Қобили қайд аст, ки тибқи пешниҳодҳои муаллиф натиҷаҳои таҳқиқотро дар самти таълим дар муассисаҳои олии касбӣ ва ташкилотҳои соҳавӣ низ истифода бурдан мумкин аст.

**6. Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия**

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса ва тавсияҳо, рӯйхати адабиёт бо 144 номгӯй иборат аст. Матни диссертатсия дар 184 саҳифаи чопи компютерӣ дарҷ гардида, 9 расм ва 22 ҷадвалро дар бар мегирад.

Унвонҷӯ Холаҳмадзода Искандар Холаҳмад (Тохтаров Искандар Холаҳмадович) вобаста ба сатҳи фарогирӣ ва таҳқиқи мавзуи баррасишаванда ҷиҳатҳои татбиқи амалии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертасионии худро дар бобҳо ва зербобҳои алоҳида, ки шарти зарурӣ мебошанд мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор додааст, ки тафсири конкретии онро дуруст баҳогузорӣ намудан мумкин аст.

**Дар муқаддима** мубрамии мавзуи таҳқиқот асоснок карда шуда, мақсад, вазифаҳо, предмет ва объекти таҳқиқот нишон дода мешавад, инчунин тавсифи моҳияти қарздиҳии имтиёзнок ба корхонаҳои кишоварзӣ ва шарҳи мухтасари адабиёт оид ба мавзуи омӯзиш оварда шудааст.

**Дар боби якум - «Асосҳои назариявию методологии қарздиҳии корхонаҳои кишоварзӣ»**, равандҳои таҳаввули муносибатҳои қарзии байни корхонаҳои кишоварзӣ ва бонкҳо баррасӣ мешаванд. Таҳлили равишҳои назариявии дарки мафҳуми қарзи кишоварзӣ ва моҳияти иқтисодии он анҷом дода мешавад. Ба муҳимии истифодаи қарздиҳии имтиёзнок дар соҳаи кишоварзӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда мешавад.

Муаллиф қайд менамояд, ки омӯзиши сарчашмаҳои дастрас оид ба таҳаввули умумии муносибатҳои қарзӣ, асарҳои классикии соҳаи иқтисодиёт ва молия, инчунин адабиёти махсус оид ба қарздиҳии кишоварзӣ нишон медиҳад, ки дар марҳилаҳои аввалии пойдоршавии кишоварзӣ муносибатҳои қарзӣ дар фаҳмиши муосири худ вуҷуд надоштанд. Кишоварзон, ки асосан ба чорводорӣ ва парвариши зироатҳо машғул буданд, барои ба даст овардани захираҳои зарурӣ (масалан, тухмӣ ё олоти корӣ) аз воситаҳои он замон маъмули ҳамкории иқтисодии байниҳамдигарӣ – мубодилаи молӣ (дар шакли аслӣ) ё дастгирии ҳамдигарии қарзӣ истифода мекарданд. Масалан, дар мавсимҳои муайян қисми кишоварзон аз надоштани олоти корӣ танқисӣ мекашиданд, қисми дигаре, ки аллакай корҳои киштукорро ба анҷом расонида буданд, олоти муваққатан бекорхобидаи худро ба зироаткорони ниёзманд медоданд ва дар ивази ин дигар чизҳои барои худ заруриро талаб мекарданд ё подоше намегирифтанд. (саҳ. 14-25)

Аз ҷониби муаллиф пешниҳод шудааст, ки таҳқиқи равандҳои таҳаввули муносибатҳои қарзӣ нишон медиҳад, ки ба ғайр аз шаклҳои бонкии қарздиҳӣ дар соҳаи кишоварзӣ, хусусан дар марҳилаҳои аввали пойдоршавии муносибатҳои бозорӣ инчунин шаклҳои дигари қарзи ғайрибонкӣ, аз қабили қарзи молӣ низ аҳамияти махсус дорад. Қарзи молӣ яке аз шаклҳои нисбатан қадимтари қарз буда, аз амалиёти савдо маншаъ мегирад. Истеҳсолкунанда ва фурӯшандаи воситаҳои истеҳсолот, тухмӣ ва нуриҳо ба он манфиатдор аст, ки кишоварзони мушаххас воситаҳои заруриро маҳз аз ӯ харид кунанд, на аз рақибон. (саҳ. 31-44)

Унвонҷӯ дуруст қайд мекунад, ки дарки қарз ҳамчун механизми ташкил ва амалӣ намудани муносибатҳои байни субъектҳои иқтисодии кишоварзӣ бо муассисаҳои бонкӣ дар раванди ҳаракати сармояи қарзӣ масъалаи муҳими назариявии қарздиҳии кишоварзӣ ва нақши қарз дар такрористеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ мебошад. Корбурди равиши такрористеҳсолӣ биниши муносибатҳои қарзиро дар марҳилаи даври такрористеҳсолӣ дигар мекунад, ки ин ба мо барои таҳияи тафсири муаллифии моҳият ва нақши қарз дар баландбардории самаранокии истеҳсолоти кишоварзӣ имкон медиҳад. Лаҳзаи аввалии ҳаракати сармояи қарзӣ зиддияти дохилии раванди такрористеҳсол дар соҳаи кишоварзӣ мебошад. Ин зиддият дар шакли умумӣ дар он зоҳир мешавад, ки дар истеҳсолоти кишоварзӣ ҳамзамон эҳтиёҷ ба сармояи пулии иловагӣ ва ҳам зарурат барои аз муомилот баровардани он ба миён омадааст, дар ҳоле ки беамалии пул ба тинати сармоя ҳамчун арзише, ки бояд ҳамеша дар ҳаракат бошад, мухолиф аст. Қарз азхудкунии сармояи озодшуда ва ба раванди такрористеҳсолкунӣ сафарбар кардани онро таъмин намуда, ба ин васила зиддияти пайдошударо ҳал мекунад. (саҳ. 47-72).

**Дар боби дуюм – «Таҳлили вазъи муосири қарздиҳии имтиёзноки** ба таҳлили хусусиятҳои механизми мавҷудаи қарздиҳӣ бахшида шудааст. Мушкилоти асосие, ки корхонаҳои кишоварзӣ ҳангоми гирифтани қарзҳои бонкӣ дучор меоянд, арзёбӣ карда шудаанд. Ҳамчунин имконияти ҳамгирой бо низомҳои қарзии ҷаҳонӣ барои беҳтар кардани шароити қарздиҳӣ дар соҳаи кишоварзӣ баррасӣ шудаанд.

Муаллиф қайд мекунад, ки дар сиёсати дастгирии кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бештар ба ҳифзи манфиатҳои иқтисодии истеҳсолкунандагони дохилии маҳсулоти кишоварзӣ таваҷҷуҳ зоҳир шуда, маблағи умумии кумаки молиявӣ ва ҳадафҳои истифодабарии он бо назардошти афзалиятҳои рушди соҳа муайян шудаанд. Маълумот дар бораи хароҷоти буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба соҳаи кишоварзӣ дар солҳои 2020-2023 дар ҷадвали 3 оварда шудааст. Ба хотири муқоиса кардан, дар ҷадвал ҳамчунин маълумот дар бораи хароҷот ба баъзе соҳаҳои дигари иқтисодиёт низ оварда шудааст. (Саҳ. 74-81)

Бонкҳои тиҷоратии алоҳида дар фаъолияти қарздиҳии худ ба субъектҳои иқтисодӣ баъзе барномаҳои махсуси қарзиро татбиқ кардаанд, ки тавре мо пештар қайд карда будем, аз ҷониби худи бонкҳо онҳо ҳамчун қарзҳои имтиёзнок муаррифӣ карда мешаванд. Вале, ба андешаи мо, дар асл онҳо имтиёзнок нестанд ва ин хулосаи худро мо дар параграфи пешини таҳқиқот асоснок карда будем. Гузашта аз ин, ҷиҳатҳои методологии дар доираи амалисозии барномаҳои қарзии мазкур таҳия ва истифодашаванда хусусиятҳои хоси истеҳсолоти кишоварзиро ба инобат намегиранд, ҳамчунин

масъалаи баланд бардоштани сатҳи дастрасии захираҳои қарзӣ ба корхонаҳои соҳибкории хурд, миёна ва бузург ҳанӯз пурра таҳқиқ нашудаанд ва ҳалли таъҷилии худро талаб мекунанд. Хусусан масъалаи таъмини дастрасии субъектҳои бахши соҳибкории хурди кишоварзӣ, ки нуфузи онҳо дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбатан зиёд аст, имрӯз барои давлат, низоми бонкӣ, кормандони масъули сиёсати рушди кишоварзӣ, кормандони маъмурии корхонаҳои кишоварзӣ ва муҳаққиқон муҳимии махсус касб кардааст. (саҳ. 84-91)

**Дар боби сеюм** – «Тамоюлоти рушди низоми қарздиҳии имтиёзноки корхонаҳои кишоварзӣ», дар асоси таҳлили имконияти ҳавасмандгардонии давлатии қарзҳои кишоварзӣ, оид ба такмили низоми қарздиҳии имтиёзноки кишоварзӣ таклифҳо пешниҳод шудаанд.

Муаллиф дар таҳқиқоти худ дуруст қайд кардааст, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон маблағгузории буҷетӣ аз ҳисоби маблағҳои буҷети ҷумҳуриявӣ ва буҷетҳои маҳаллӣ татбиқ шуда метавонад. Маблағҳои буҷетӣ дар доираи барномаҳои давлатии дар соҳаи кишоварзӣ татбиқшаванда ба корхонаҳои кишоварзии дорои аҳамияти стратегӣ ҷудо карда мешаванд. Барои татбиқ намудани низоми қарздиҳии имтиёзноки корхонаҳои кишоварзӣ мукаммалсозии механизми ин гуна қарздиҳӣ зарур аст. Ба андешаи мо, барои мукаммалсозии механизми қарздиҳии кишоварзӣ ва ташаккули низоми қарздиҳии имтиёзнок ба корхонаҳои кишоварзӣ тадбирҳои муайяни ташкилӣ-иқтисодиро роҳандозӣ бояд кард. (саҳ. 91-103)

Дар доираи тартиби таҳқиқоти худ унвонҷӯ қайд кардааст, ки вазъи имрӯзаи рушди соҳаи кишоварзӣ дар шароити тағйирёбандаи муҳити рақобат ва нотавонии молиявии корхонаҳои кишоварзӣ талаб мекунад, ки барои ба эътидол овардани нишондиҳандаҳои молиявии тавсифдиҳандаи бахши кишоварзӣ, баланд бардоштани рақобатпазирии маҳсулоти кишоварзӣ ва рушди устувори соҳаҳои кишоварзӣ ва коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ ҷустуҷӯ ва корбурди равишҳо, усулҳо ва шаклҳои нави идоракунии истеҳсолоти кишоварзӣ ба роҳ монда шавад. Дар рафти ислоҳоти кишоварзӣ ва таҳкими муносибатҳои бозорӣ барои корхонаҳои кишоварзӣ фароҳам овардани шароите зарур аст, ки раванди беист ва устувори такрористеҳсоли маҳсулоти кишоварзиро тавассути истифодаи олоти молиявии муносиб ва дастрас таъмин кунад. (саҳ. 105-119)

Унвонҷӯ дар таҳқиқот нишон додааст, ки мушкилоти нарасидани техника ва таҷҳизот омили ягонаи рушди номатлуби соҳаи кишоварзӣ нест. Гузашта аз ин, сабаби норасоии техника ва таҷҳизот дар корхонаҳои кишоварзӣ мавҷуд набудани захираҳои молиявии худӣ мебошад. Дар чунин шароит истифодаи қарзи бонк ва дастгирии давлатӣ роҳи беҳтарини раҳоӣ ёфтан аз ин вазъи ногувор мебошад. Баъд аз таҳқиқоти анҷомдодашуда, мо ба хулосае расидем, ки

хоҷагиҳои кишоварзӣ ҳам ба қарзи бонкӣ мушкилоти дастрасӣ доранд ва ҳам равандҳои кумакҳои давлатӣ низ ба таври комил ва зарурӣ ташкил нашудаанд. Ҳамчунин мушкилоти дигаре ҳастанд, ки ба рушди инноватсионии соҳаи кишоварзӣ монеа эҷод мекунанд, аз ҷумла нарасидани кормандон ва мутахассисони баландихтисоси соҳаи кишоварзӣ, надоштани таҷрибаи кор бо инноватсияҳои кишоварзӣ. (саҳ. 122-151)

**7. Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷалаҳои тақризшавандаи илмӣ**

Таҳқиқоти диссертасионии номзади илмҳои иқтисоддӣ дар як қатор маҷалаҳои илмии тақризшванда нашр гардиданд, ки давоми мантиқии кори анҷомгардида мебошад. Илова бар ин муқаррароти натиҷаҳои асосии диссертатсия дар 8 мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд. Маҷмуан корҳои илмии интишоргардида тибқи талаботҳои мавҷуда мухтавои асосии паҳлуҳои гуногуни диссертатсияро инъикос менамоянд.

**8. Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботҳои Комиссия**

Диссертатсияи унвонҷӯ дар заминаи муқаррароти низомномаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон омода гардида, муқаддима, мубрамии мавзуи таҳқиқот, дараҷаи таҳқиқоти мавзуи илмӣ, робитаи таҳқиқот ва натиҷаҳои асосии он бо як қатор Стратегия ва барномаҳои муҳимми соҳавӣ ҳамбастагӣ дошта, муҳиммияти ин масъала ба банду бобҳои ҳуҷҷатҳои мазкур: Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 октябри соли 2016, № 392), Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 (қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16 июни соли 2021, № 441), Барномаи рушди низоми агроозуқаворӣ ва кишоварзии устувор барои давраи то соли 2030 (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01.03.2023, № 54) алоқаманд мебошанд. Диссертатсия мувофиқи нақшаи корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи молия ва фаъолияти бонкии Донишгоҳи давлатии Данғара дар солҳои 2021-2025 рост омада, ба бандҳои алоҳидаи ин ҳуҷҷатҳои муҳим мутобиқат менамояд.

Дар умум диссертатсия дорои моҳияти баланди илмӣ буда, ҳамаи масъалаҳои дар муқаддимаи рисола инъикосгардида пурра дар матни он аз тарафи муаллиф Холаҳмадзода Искандар Холаҳмад инъикос гардидаанд, ки пурра муваффақиятҳои он маҳсуб меёбанд. Илова бар ҳамаи дастоварду муваффақиятҳо гуфтан мумкин аст, ки дар бобҳои якум, дуюм, сеюм ва ҳамзамон дар хулоса, пешниҳодҳо ва замимаҳо, натиҷаҳои муваффақиятомези муаллифро мушоҳида намудан мумкин аст.

## 9. Камбудиҳои таҳқиқоти диссертасионӣ

Вобаста ба таҷриба дар баъзе ҳолатҳо камбудию норасоиро низ асоси пешрафти корҳо меноманд, ки он боиси тақвияти ин ё он соҳаи муайян мегардад. Албатта дар самти таҳқиқотҳои илмӣ низ чунин норасоиҳо метавонанд ба афзудани малака ва маҳорати таҳқиқотчӣ барои бознигарии ин ё он соҳа мусоидат намояд. Вобаста ба ин, хотиррасон бояд намуд, ки муваффақияту комёбиҳои таҳқиқоти диссертасионии унвонҷӯ дар доираи мавзуъ ва дар шароити имрӯза дорои арзиши баланди илмӣ буда, ҳамчунин дорои як қатор норасоӣ ва камбудиҳо низ мебошанд, ки дар сурати баинобатгирии онҳо мумкин буд то рисолаи илмӣ моҳиятан дигаргун шавад ва онҳо иборатанд аз:

1. Дар рисола таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ дар самти қарздиҳии имтиёзнок бахши кишоварзӣ ба таври кофӣ мавриди омӯзиш қарор нагирифтааст, ки ин имкони мутобиқсозии моделҳои муваффақро маҳдуд мекунад.

2. Муаллиф ҳангоми муайян кардани мафҳуми «қарзи имтиёзнок» танҳо ба ҷанбаи фоизи паст таваҷҷуҳ кардааст, дар ҳоле ки ҷанбаҳои дигар, аз қабили муҳлати имтиёзнок ва талабот ба гарав, ба таври амиқ асоснок карда нашудаанд.

3. Дар диссертатсия таъсири сатҳи таваррум ва тағйирёбии қурби асъор ба самаранокии қарзҳои имтиёзнок, ки аз ҳисоби фондҳои давлатӣ ё грантҳои хориҷӣ ҷудо мешаванд, ба назар гирифта нашудааст.

4. Бо назардошти тамоюлҳои муосир, дар кор масъалаи ҷорӣ намудани технологияҳои рақамӣ дар раванди баҳодиҳии қобилияти пардохтпазирии хоҷагиҳои деҳқонӣ кам баррасӣ шудааст.

5. Таъсири низоми қарздиҳии имтиёзнок ба сатҳи зиндагии аҳолии деҳот ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ танҳо дар шакли умумӣ қайд шуда, ҳисобҳои дақиқи иқтисодӣ-иҷтимоӣ оварда нашудаанд.

Тавре дар оғози хулоса баён намудаем норасоиву камбудиҳои ошкоргардида ба мазмуну муҳтавои диссертатсия ва арзиши баланди илмии он таъсир намерасонанд.

## 10. Хулосаи умумӣ доир ба диссертатсия

Таҳқиқоти анҷомдодашударо чунин хулоса намудан мумкин аст, ки диссертатсия дар худ таркибу мундариҷа ва навгонии илмиро ифода намуда, ҳалли амиқ ва пурраи вазифаҳои дар таҳқиқот гузошташударо ифода менамояд. Ҳамчунин, натиҷаи бадастовардаи муаллиф арзиши илмӣ дошта, асосҳои назариявию амалии рушди низоми қарздиҳии имтиёзноки корхонаҳои кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ифода менамояд.

Таҳлилу баррасии амиқи муҳтаво ва мундариҷаи диссертатсияи унвонҷӯ Холаҳмадзода Искандар Холаҳмад дар мавзуи «Хусусиятҳои ташаккул ва рушди низоми қарздиҳии имтиёзноки корхонаҳои кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз дар сатҳи зарурӣ омода гардида, аз ҷиҳати мазмун ба талаботҳои мавҷуда мутобиқ буда ва муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мебошад.

**Муқаррizi расмӣ:**

Профессори кафедраи кори бонкии ДМТ,
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Ҳикматов У.С.

Имзои Ҳикматов У.С- ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси ДМТ Э.Ш. Шодихонзода

Суроғаи Донишгоҳ: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рубаки, 17,
тел./факс: (+992 37) 227-15-10, 227-23-96.
E-mail: info&,tnu.tj, www.tnu.tj